**Ба Шурои диссертатсиониии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кору хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

Баъди расидан ба истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми иқтисоди бозориро қабул кард. Заминаи ҳуқуқии низоми нави иқтисодӣ дар моддаи 12-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст: «Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад» Барои пешрафти иқтисодиёт рақобат ҳамчун асос дониста мешавад. Бинобар ин, таъмини рақобат бояд кафолати давлатӣ дошта бошад. Яке аз монеаҳои таъмини рақобат фаъолияти инҳисорӣ мебошад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ. Мавзуи автореферати диссертатсияи Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод ба яке аз масъалаҳои мубрами аҳамияти назариявӣ ва амалидоштаи ҳуқуқи соҳибкорӣ мебошад, ки бо такмили минбаъдаи қонунгузории маданӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст.

Бояд қайд кард, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ автореферати Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод дар таҳлили амиқ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи таҳаввули низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин баррасии назариявӣ ва амалии мушкилоти марбут ба маҳдуд намудани амалияҳои инҳисорӣ дар бозорҳои мол, хизматрасонӣ ва корҳо, ҳамроҳ бо таҳқиқи хусусиятҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии дахлдор дар амал ифода меёбад. Ин таҳқиқот на танҳо ба ошкор кардани камбудиҳои низоми мавҷуда, балки ба пешниҳоди роҳҳои такмили он нигаронида шудааст, то рақобати одилона таъмин гардад ва манфиатҳои иштирокчиёни бозор ҳифз карда шаванд.

Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумифалсафавии илмӣ ва усулҳои махсуси ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Дар раванди таҳқиқот усулҳои диалектикӣ, низомнок ва ҷамъбасткунанда

истифода шудаанд. Инчунин, усулҳои хусусии ҳуқуқӣ, аз қабили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва мантиқӣ-ҳуқуқӣ, барои таҳлил ва баррасии мафҳуми фаъолияти инҳисорӣ татбиқ гардидаанд.

Усули таҳлили мантиқӣ-лингвистӣ ба таҳлили дурусти истилоҳот, мафҳумҳо ва ибораҳои ҳуқуқӣ мусоидат намуд. Бар асоси ин усул, истилоҳот, мафҳумҳо ва ибораҳои ҳуқуқӣ ба таври якхела ва аз ҷиҳати мантиқӣ ва забонӣ дуруст пешниҳод шудаанд.

Муаллиф дар таҳқиқот ба масъалаи « фаъолияти инҳисорӣ ҳамчун омили маҳдудсозии рақобат» ном дорад, муаллиф таваҷҷуҳро ба он равона мекунад, ки амалияҳои инҳисорӣ, ки ҳамчун монеаи ҷиддӣ барои рушди рақобат дар шароити иқтисоди бозорӣ баромад мекунанд, яке аз мушкилоти тезу тунд дар идоракунии самараноки равандҳои иқтисодӣ буда, таҳлили амиқ ва таҳияи чораҳои мақсаднокро барои таъмини имкониятҳои баробар барои ҳамаи иштирокчиёни бозор ва ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон талаб мекунад.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кору хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо моҳият ва мазмуни хоси илмию амалияш, таъмини мантиқии масъалагузорӣ тариқи риояи пайдарпайии сохторӣ ва дигар самтҳои назаррасу илман асоснокгардидааш сазовори баҳои мусбат мебошад.

Автореферати диссертатсияи Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод аз нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ холӣ нест.

Мувофиқи мақсад мебуд, ки унвонҷӯ дар автореферати диссертатсия ва умуман дар таҳқиқот оид ба паҳлуҳои гуногуни таносуби фаъолияти инҳисорӣ ва самтҳои дигари соҳибкорӣ таваҷҷуҳ намуда, ин масъалаҳоро пурратар таҳқиқ мекард.

Гуфтаҳои болозикр шуда, ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба муҳтавои илмии диссертатсия ва автореферат таъсири манфӣ намерасонад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 12 мақолаи илмии муаллиф инъикос гардидааст, ки аз ин шумора 7 адади он дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд. Таҳқиқоти мазкур кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ ва сатҳи баланди навгонии илмӣ дошта, натиҷаҳои он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ аҳамияти муҳим дорад.

Автореферати диссертатсионии Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносии кафедраи ҳуқуқшиносӣ Донишкадаи иқтисод ва савдои Донигоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд
________________ Майнусова З.М.

Имзои номзади илмҳои ҳуқуқшиноси
Майнусова З.М. – ро тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд ______________Махмудов Ш.У.
12.11.2025

**Суроға** ш. Хуҷанд, хиёбони И. Сомонӣ 169, тел: (83422) 6-03-21
Факс:(83422)4-33-15, E- mail: info@iet.tj.